№9683/5.1-д аз 21.06.2019

Макомоти
ҳудудии андоз

***«Оид ба тартиб додани санади муқоисавӣ бо андозсупорандагон»***

Кумитаи андози назди Хукумати Чумхурии Точикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки тибки талаботи сархати 2 қисми 1 моддаи 19 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андозсупорандагон уҳдадоранд талаботи қонунии кормандони мақомоти андозро дар хусуси бартараф намудани вайронкуниҳои ошкоршудаи қонунгузории андоз, аз ҷумла, доир ба тартиб додани санади муқоисавӣ иҷро намоянд.

Санади муқоисавӣ ҳуҷҷати дуҷонибае мебошад, ки тибқи маълумоти макомоти андоз ва андозсупоранда (намояндаи андоз) барои аниқ намудани дурустии маблагҳои ҳисобшуда, (ба ҳисобгирифташуда, камкардашуда) пардохтшудаи (баргардонидашуда, ҳисобгирифташуда) андозҳо, инчунин фоиз, чарима ва бакияи андозхо дар рузи муайян тартиб дода мешавад.

Мақсад аз тартиб додани санади муқоисавӣ, пеш аз ҳама муайян намудани дурустии уҳдадориҳои андозсупоранда дар назди буҷет ба шумор меравад.

Санади мукоисавӣ нисбати андозсупорандагони дар низоми умумии андозбандӣ фаъолиятдошта на кам аз як маротиба дар семоҳа, бо андозсупорандагони тибқи низоми соддакардашуда фаъолият дошта ва хоҷагиҳои деҳконии инфиродӣ на кам аз як маротиба дар шаш моҳ ва соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда як маротиба дар як сол тартиб дода мешавад.

Ҳамзамон, ҳангоми гузаронидани санҷиши риояи қонунгузории андоз дар фаъолияти андозсупоранда, аз як низоми андозбандӣ, ба дигар низоми андозбанди гузаштани андозсупорандагон, бо назардошти тағйир ёфтани маҳали ҷойгиршавии (истиқомат) андозсупоранда (намояндаи андоз) дар ҳолатҳои гузаштан аз як мақомоти андоз ба дигар мақомоти

андоз ва ҳангоми барҳамхурии субъекти хоҷагидор, байни мақомоти андоз ва субъекти хоҷагидор бо риояи тартиби Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон бояд санадҳои муқоисавӣ тартиб дода шаванд.

Дар ҳолатҳои номбурда, пеш аз тартиб додани санади муқоисавӣ корманди мутасадии шуъбаи баҳисобгирии даромадҳо, варақаи ҳисоббаробаркунии андозсупорандаро аз руи ҳар як намуди андоз дар алоҳидаги чоп намуда, дар мақомоти андоз нигоҳ медорад.

**Ҳамзамон, баъди анҷоми ҳар як соли ҳисоботӣ баъди бо андозсупорандагон тартиб додани санади муқоисавӣ варақаҳои ҳисоббаробаркунӣ аз руи ҳар як намуди андоз аз барномаи компютерӣ чоп карда шуда, дар шакли китоб ресмонбандӣ ва саҳифагузорӣ карда шуда, бо муҳру имзои сардори мақомоти андоз тасдиқ карда мешавад.**

Санҷиши дурустии тартиб додани санадҳои муқоисави дар як қатор мақомоти ҳудудии андоз аз он шаҳодат медиҳанд, ки аксарияти кормандон ба дурустии нишондиҳандаҳои дар ҳисобварақаи андозсупорандагон қайд шуда диққати ҷиддӣ надода, тартиб додани санади муқоисавиро танҳо аз барнома чоп намудани санади муқоисавӣ ва ба андозсупоранда пешниҳод намудани он мебинанд.

Бо назардошти ин, ҷиҳати пайваста назорат намудани дурустии нишондиҳандаҳои дар ҳисобварақаҳои андозсупорандагон мавҷуд буда, ба ҳар як корманди мақомоти андоз зарур аст, ки ҳангоми тартиб додани санадҳои муқоисавӣ ҳолатҳои зеринро риоя намоянд.

Пеш аз ҳама, дурустӣ ва пурра дохил намудани маблағи андозҳои хисобшуда ба хисобваракахои андозсупорандагон аз рӯи ҳисоботҳои (эъломияҳо) андоз ва қарорҳо аз руи натиҷаи санадҳои санҷишии андозсупорандагон ва назорати камералӣ муқоиса карда мешавад.

Дар баробари ин, маблағи андозҳои пардохт намудаи андозсупорандагон аз руи супоришномаҳои пардохти ва расидҳои бонкӣ, ки аз Раёсатхои молияи шахру нохияхо дастрас карда мешаванд бо иктибосхои бонкӣ муқоиса карда шуда, баъди муайян намудани дурустии онҳо ба хисобваракаҳои андозсупорандагон ворид карда мешавад.

Баъди аз назар гузаронидани маълумотҳои дар ҳисобварақаҳои андозсупорандагон мавҷуд буда, инчунин дурустии бақияи (салдо) дар охир ва аввали давраи ҳисоботи мавҷуд буда низ муайян гардида, санади муқоисави тавассути барномаи компютерӣ тартиб дода шуда, бо имзои нозири муттасадии шӯъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, шуъба ва ё бахши баҳисобгирии даромадҳо, сардори Нозироти андоз бо гузоштани мӯҳр тасдиқ карда шуда, ба андозсупоранда пешниҳод карда мешавад.

Инчунин, кормандони шӯъбаҳои баҳисобгирии даромадҳо ва ё шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, ки барои тартиб додани санади муқоисавӣ масъул мебошанд, хангоми тартиб додани санади мукоисавӣ маълумотхои дар санади мукоисавӣ дарҷшударо бо маълумотхои дар хисобҳои муҳосибавии тавозуни корхона «хисоббароркуни бо бучет» дарҷ шуда, бояд мукоиса намоянд.

Ҳангоми ба миён омадани зарурият барои ворид намудани тағйирот ба ҳисобварақаҳои андозсупоранда барои давраҳои гузашта, пеш аз ҳама дар асоси гузориши нозири муттасадӣ аз ҷониби корманди шуъба ё бахши баҳисобгирии даромадҳо тавассути барномаи компютерӣ «кушодани сол» (моҳ) анҷом дода шуда, баъд аз анҷом додани ин амал, дар ҳисобварақаҳои андозсупоранда камбудиҳо ислоҳ карда мешаванд.

Баъд аз анҷом додани муқоисаи нишондиҳандаҳо ва муайян намудани дурустии маблағи андозҳои ҳисобшуда, пардохтшуда ва бақия (салдо), дар ду нусха санади мукоисави тартиб дода шуда, бо мухру имзои рохбари макомоти андоз, сардори шуъбаи бахисобгирӣ, нозири муттасадии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва инчунин бо мухру имзои рохбар ва сармухосиби субъекти хоҷагидор тасдик карда мешавад.

Инчунин, бо мақсади беҳтар намудани хизматрасониҳо ба андозсупорандагон ва кам намудани муносибати корманди мақомоти андоз бо андозсупорандагон, аз 01.06.2019 дар Кумитаи андоз боз як шакли хизматрасонӣ, аз ҷумла тавассути модули «Утоқи шахсии андозсупоранда» тартиб додани санади муқоисавӣ дар шакли электронӣ таҳия ва мавриди истифода қарор дода шуд.

Тибқи тартиби мазкур, андозсупорандагон метавонанд минбаъд аз хизматрасонии мазкур истифода намуда, санади муқоисавиро дар шакли электронӣ тартиб диҳанд.

Ҳамзамон бо мақсади назорати рафти тартиб додани санадҳои муқоисавӣ, макомоти худудии андоз вазифадор карда мешавад, ки оид ба шумора ва натиҷаи санадҳои муқоисавии бо андозсупорандагон тартиб дода шуда то санаи 20 моҳи баъд аз моҳи ҳисоботӣ ба Кумитаи андоз маълумоти муфассал пешниход намоянд.

Аз ин лихоз, мақомотҳои ҳудудии андозро вазифадор менамоем, ки ҳангоми тартиб додани санадҳои муқоисавӣ бо андозсупорандагон талаботҳои дар мактуби мазкур пешбинишударо таъмин намоянд.

Мактуби дастурии Кумитаи андоз аз 17.11.2017, №15108/5.1 бе эътибор дониста шавад.

Раис Н. Давлатзода